Ба Шурои дисертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзуи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Иқтисодиёти рақамии босуръат рушдёбанда, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи муосир ворид шуда, зарурати пешрафтҳои системавии технологӣ ва рушди роҳҳои нави коркарди иттилоотро ба вуҷуд меорад. Раванди рақамисозии куллӣ сохтори шуғли аҳолӣ ва муҳити таҳсилотро ҳамчун таъминкунандаи кадрҳое, ки дар муқоиса бо шароити қаблӣ комилан дигар кор хоҳанд кард, ҳатман тағйир медиҳад. Ҳадафҳои таҳқиқоте, ки муаллиф анҷом додааст, муайян кардани мушкилоте, ки сиёсати рақамикунонӣ ҳоло бо он рӯбарӯ аст ё метавонад дучор шавад ва таҳияи вариантҳои қобили қабули ҳалли онҳост. Дар рафти кор усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули системавию сохторӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, анкетагузаронӣ, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, инчунин усули коррелятсионӣ-регрессионӣ ва SWOT-таҳлил истифода шудаанд.

Мубрам будани мавзӯъи диссертатсионии Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар зарурияти омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва амалияи идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити таккули иқтисоди рақамӣ ифода ёфтааст. Раванди фаъолияти натиҷабахши савдои чакана дар шароити ташаккули рақамикунонӣ бештар ба салоҳияту касбият ва иқтидору тавонмандии кадрҳо ниёзманд аст.

Ҳамкории мутақобилаи системаҳои маориф ва илм дар соҳаи омодасозии захираҳои инсонӣ дар марҳилаи модернизатсияи рақамии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баррасӣ шавад. Таъсири рақамисозӣ ба тағйир додани номгӯи ихтисосҳо ва салоҳиятҳое, ки корфармоён талаб мекунанд ва дараҷаи омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиби нави технологӣ таҳлил карда мешавад. Дар асоси ин самтҳои перспективии таҳсилоти олӣ ва сиёсати кадрӣ дар сатҳи корхона ва давлат муайян карда мешаванд. Хулоса кадан мумкин аст, ки сиёсати босалоҳияти кадрҳо ҷузъи ҷудонашавандаи рақамикунонии иқтисодиёт мебошад. Самаранокии татбиқи стратегияи тавсифкардаи муаллиф

муносибати мунтазамро ба ташкили таълими кадрҳо барои корхонаҳо дар муҳити фаъоли тағйирёбандаи иқтисодӣ дар назар дорад.

Унсури муҳими ин муносибат истифодаи оқилонаи захираҳои инсонӣ мебошад. Бе таваҷҷуҳи зарурӣ ба кадом касбу ихтисосҳо дар воқеияти куллан тағйирёбанда бештар актуалӣ ва арзишманд шуда истодаанд, аз хатарҳои иқтисоди рақамӣ, ки ҳамзамон аз бекории сохторӣ ва норасоии мутахассисони соҳибихтисос иборат аст, рафъ кардан ғайриимкон аст. Вижагии иқтисоди рақамӣ дар он аст, ки ба туфайли чандирии технология он имкон медиҳад, ки истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти он аз ҳисоби суръат ва муттаҳидсозии системаҳои иттилоотӣ ва ҳисоббарорӣ оптимизатсия карда шавад. Ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодиро пай дар пай ба як низоми ягона пайвастан ва ба мақсад мувофиқ идора кардани онҳо имконпазир мегардад. Ҳоло тағйироти сохторӣ дар системаи тайёр кардани кадрҳо зарурияти воқеӣ дорад. Таъкид карда мешавад, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли чунин мушкилоти ҷиддӣ, аз қабили бекории сохтории эҳтимолан интизоршаванда, ки дар натиҷаи паҳншавии технологияҳои нав ба вуҷуд меояд, сарварӣ намоянд, зеро маҳз онҳо ташаккули сифатии салоҳиятҳои махсуси барои кормандон зарурӣро таъмин менамоянд.

Дар автореферат бештар таҳқиқи ғояҳои илми иқтисодӣ ва равишҳои консептуалӣ оид ба назарияи сармояи инсонӣ ва рушди иқтидори кадрӣ ва омӯзиши хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин муаллиф равишҳои методологии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана ва усулҳои арзёбии сифати онро муайян ва асоснок намудааст.

Дастовардҳои илмии муҳиме, ки муаллиф ба онҳо ноил гардидааст, дар бандҳои навгонии диссертатсия инъикос карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия хусусиятҳо ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар рушду касбияти иқтидори кардӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Ҳангоми таҳқиқ таҳлили муқоисавии амсилаҳои мавҷудаи савдои чакана ба дарназардошти таҷрибаи пешоҳанги хориҷӣ, аз ҷумла аамсилаи амеркоӣ, аврупоӣ, русӣ, ҷопонӣ, ки бо хусусиятҳои навоварӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ, худидоракунӣ, тақсимоти ваколатҳо ва вазифаҳо, касбияти кормандон, суръати рушди касбият, тобеият, усулҳои маъмули назоратӣ фарқ мекунад, ба таври мушаххас дида баромада шудааст.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки мақсади гузошташуда дар пайвандӣ бо вазифаҳои муайянгардидаи кори диссертатсионӣ ҳалли худро ёфтаанд, автореферат бо забони оммафаҳми илмӣ навишта шуда, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф бо расму ҷадвалҳо ва факту рақамҳо ҳисобкардашуда, илман асоснок када шудаанд. Ба таври мукаммал ифода ёфтани навовариҳои таҳқиқоти

диссертатсионӣ, ки таркиб ва мазмуну моҳияти онҳо дар автореферат ба таври кофӣ тавзеҳ дода шудааст, диққати махсусро сазовор аст.

Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мегарданд:

1. Дар автореферати дисертатсия зикр шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 0,32% аҳолии шуғл мутахассисони ТИК мебошанд. Андешаи муаллиф шарҳу тавзеҳ мехоҳад.
2. Муаллиф қайд намудааст, ки дар навбати худ захираҳои меҳнатӣ 1760,0 ҳазор нафар ва қувваи корӣ истифоданашуда дар иқтисодиёт 1327,0 ҳазор нафар зиёд ба қайд гирифта шудааст.Ин тамоюлҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бо истифодаи мақсадноки онҳо таъмини рушди иқтидори кадрӣ имконпазир мегардад. Аммо то ҳанӯз, истифодаи мақсадноки онро мушоҳида намудан шубҳаовар аст. Андешаи муаллиф пурра асоснок карда нашудааст.
3. Дар автореферат қайд гардидааст, ки иқтисодиёти муосири ҷаҳонро, махсусан дар кишварҳои пешрафта, имрӯз бояд иқтисодиёти сармояи инсонии хеле самаранок номид. Муаллиф ин андешаро пурра шарҳ надодааст?

Камбудиҳои болозикр, моҳияти илмӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва эътибори онро паст намекунад.

Дар умум автореферати диссертатсия Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзуи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», пурра кори илмии ба анҷом расида, ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ иҷро шудааст ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хайрзода Ш.Қ.**

**Имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо** **Асадуллоева Д**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, 735320, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25, Сомона: www.dsu.tj, E-mail: dddangara_2013@mail.ru, Телефон: +992 83312 2-28-03, Факс: +992 83312 2-28-03